**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи диссертатсияи Ғайратова Фотима Асламшоевна мубрамияти хос дошта, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми таърих – ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ, моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он бахшида шудааст.

Муаллиф дар раванди таҳияи диссертатсия корҳои зиёди таҳқиқотӣ ва фаъолияти самараноки таҳлилиро ба анҷом расонидааст, ки пеш аз ҳама дар омӯзиши васеи маводҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ инъикос ёфтааст. Диссертатсия арзиши муҳимми илмӣ ва амалӣ дошта, пешниҳод ва хулосаҳои он фарогири ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ моҳият, мушкилоти муқовимат бо он ва таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ ва назариявии таҳлили мушкилиҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ буда, ба ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва таъсири ин омил ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дорад.

Дар диссертатсия ифротгароии ҷавонон, моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он ва махсусияти ҳамкориҳои амниятӣ дар Осиёи Марказӣ

тӯли солҳои 1990 – 2016 омӯхта шуда, мушкилиҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ гаравидани ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хатари ҳизбу ҳаракатҳои ифротгарой ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва роҳҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ муайян гардидаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявии зуҳури ифротгароии ҷавонон, равишҳои омӯзиши гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, сабабҳои умумӣ ва махсуси ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ дар асоси омӯзиши адабиёти махсус таҳлил гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси талаботҳои пешниҳодшудаи илмӣ иҷро шуда, сохтори илман асоснокшуда ва маводҳои нисбатан эътирофшуда дорад. Мавзӯи таҳқиқотии интихоб намудаи муаллиф дар умум мубрам буда, асосан самти нав ва мустақили таҳқиқоти илмҳои таърихро инъикос менамояд.

Натиҷаҳои ба даст омадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо навгониҳои назариявии худ фарққунанда мубошанд. Асоснокии дурустии пешниҳодҳо ва воқеӣ будани натиҷаҳои рисола дар асоси маводҳои илмӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ тасдиқ гардида, натиҷаҳои назариявии ба даст омада, бо натиҷаҳои таҳлил мутобиқат менамоянд.

Ҳадаф ва вазифаҳои дар назди муҳақиқ гузоштешуда иҷро гардида, тасдиқи онҳо дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба самти коркарди пешниҳодҳои мусбӣ барои танзими мушкилиҳои ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ ва роҳҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, инъикос мегарданд.

Бешубҳа натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳиммияти амалии мавзӯъро низ муайян менамоянд. Чунончӣ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи монографияҳо, китобҳои дарсӣ, барномҳои таълимиву методии як қатор фанҳои таълимӣ, аз ҷумла ҳамчун маводи лексионӣ барои фанҳои “Омилҳои исломӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ”, “Назарияи муносибатҳои

байналхалқӣ", "Масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ", "Асосҳои сиёсати байналмилалӣ" ва ғайраҳо истифода гарданд.

Пешниҳод ва хулосаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда тавассути таҳлили теъдоди зиёди сарчашмаҳо аз ҷониби муаллиф асоснок ва тасдиқ гардидаанд, ки вобаста ба шакл ва муҳтаво гуногун мебошанд: санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ, маълумотҳои оморӣ, китобу монографияҳо, автореферату диссертатсияҳо, мақолаҳои илмӣ, сарчашма ва сомонаҳои расмӣ ва ғайраҳо.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии муаллиф иборат мебошад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок гардида, сатҳ ва дараҷаи омӯзиши таҳқиқотии он, пойгоҳи сарчашмавӣ, объект, мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Инчунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми таҳқиқот пешбинӣ шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «**Моҳият ва заминаҳои зуҳури ифротгароии ҷавонон дар замони муосир**» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби мазкур – «**Таҳлили муқоисавии моҳият ва хусусиятҳои хоси ифротгароии ҷавонон**» номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб муаллиф мафҳум ва мушахасоти истилоҳи ифротгароӣ, шакл, навъҳои зуҳури ифротгароӣ дар кишварҳои гуногун, сабабҳои назариявии гаравиши ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротӣ таҳлил намуда, унсурҳои умумӣ ва алоҳидаи равандҳои гуногуни ифротгароии ҷавонон ва шаклҳои мухталифи зуҳури ифротгароиро муқоиса намудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум - «**Заминаҳои идеологӣ, милливу динӣ ва иҷтимоии зуҳури ифротгароии ҷавонон**», муаллиф сабабҳои назариявии гаравидани ҷавононро ба ҳизбу гурӯҳҳои ифротӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, мавқеи равишҳои шаҳрдиҳандаи зуҳури ифротгароии ҷавононро дар замони муосир асоснок намудааст ва мушкилиҳои равонӣ, махсусиятҳои миллӣ ва динӣ, сабабҳои оилавӣ ва иҷтимоиеро, ки боиси шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои тундрав мегарданд, муайян намудааст.

Боби дуюми таҳқиқот «**Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамои тавсеаи он**» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми ин боб - «**Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: ташаккул ва вазъи имрӯзаи он**», муаллиф вазифаи ошкор сохтани воситаҳои босамари безараргардонии таҳдиди ифротгароии ҷавононро дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо дарназардошти омилҳои гуногун хеле душвор медонад ва инчунин равандҳои гаравидани ҷавононро ба ҳаракатҳои тундрав ва террористӣ дар Осиёи Марказӣ баҳогузорӣ намуда, фаъолияти ниҳод ва созмонҳои ифротии дар минтақа манъшударо баррасӣ намуд ва ҳолати кунунии сатҳи ифротгароии ҷавононро дар Осиёи Марказӣ таҳлил намудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм - «**Дурнамои тавсеаи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ**» номгузорӣ шуда, муаллиф қайд менамояд, ки ифротгароии ҷавонон дар минтақаи Осиёи Марказӣ феълан марҳилаи мазмунан нави таҳаввули хешро аз сар мегузаронад ва тамоюлоти нав ҳам дар зери таъсири омилҳои хориҷӣ ва ҳам омилҳои дохилӣ зоҳир мегарданд. Инчунин муаллиф дурнамои ҳамкориҳои давлатҳои Осиёи Марказиро дар самти пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ баррасӣ намуда, сабабҳои рушди ифротгароии ҷавононро дар байни кишварҳои минтақа таъкид намудааст.

Боби сеюми рисола - «**Роҳҳо ва мушкилоти мубориза бо ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ба ҳисоб рафта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми ин боб ба мавзӯи – «**Роҳҳо ва воситаҳои рафъи ифротгароии ҷавонон дар қаринаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» бахшида шудааст. Дар ин зербоб муаллиф нақши Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мубориза бо ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ таҳлил карда, барнома ва стратегияҳои миллӣ ва амниятии давлатро дар самти пешгирии гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ нишон дода, таҳдидҳои ҷиддии созмонҳои ифротгароии ҷавонон ба амну суботи Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақаро баррасӣ намудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм масъалаҳои «**Мушкилоти муқовимат ба шаклҳои гуногуни зуҳури ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» - ро дар бар мегирад. Муаллиф шаклҳои мухталифи зуҳури ифротгароии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ намуда, мушкилиҳои асосии роҳҳои пешгирии шомилшавии ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротӣ шарҳ дода, пешомадҳои ифротгароии ҷавононро барои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст.

Дар **хулоса** натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ифода ёфта, ҷанбаҳои назариявии масъалаҳои ифротгароии ҷавонон, хусусият ва вижагиҳои гаравиши онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дурнамои тавсеаи ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст. Муаллифи рисола як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ дар минтақа иброз намудааст.

Дар рӯйхати адабиёт тамоми сарчашма ва маводи истифодашуда гурӯҳбандӣ шуда, номгӯи пурраи онҳо дар рисола оварда шудааст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои муайяншуда нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, дар он пайдарпайии мантиқӣ, риояи тадриҷӣ ва иҷрои мақсаду вазифаҳои муайяншуда ба назар мерасад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи “Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он” кори мустақилона анҷомшуда буда, барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) арзанда мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои сиёсӣ, профессор**
**мудири кафедраи муносибатҳои**
**байналхалқии факултети**
**муносибатҳои байналхалқии ДМТ** **Р.Ш. Нуриддинов**

**Имзои Нуриддинов Р.Ш. - ро**
**тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Ш. Тавқиев**